Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти сиёсии худро ба даст оварда, дар роҳи таҳкими арзишҳои демократӣ ба ислоҳоти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ рӯй овардааст.

Дар рисолаи диссертатсионии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” яке аз проблемаҳои муҳими методикаи таълими забонҳои хориҷӣ – проблемаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Чӣ хеле ки муаллифи рисола иброз медорад, таҳлили маҷмӯии корҳо дар ин соҳа имконият медиҳад воқеияте тасдиқ карда шавад, ки як қатор олимон салоҳиятмандии байнифарҳангиро ҳамчун маърифати шахсиятии ҳамгирой тафсир менамоянд, ки он қисматҳои умумифарҳангӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, забонӣ-иҷтимоӣ-фарҳангиро шомил мебошад ва инҳо, дар навбати худ, маҷмӯи муайяни донишҳо ва маҳоратҳоро фаро мегиранд.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабова Ф.С. ба далели он, ки ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ва иттилоот бо ҷустуҷӯи роҳҳои нави ташаккул ва худшиносии шахсияте, ки қодир аст барои муошират озод дар ҷаҳони бисёрфарҳангӣ ва ҳамкориҳои байнифарҳангӣ ва фаъолияти муштарак бо намояндагони халқҳои дигар, инчунин шахсияте, ки фикри интиқодӣ дорад ва ба

сарватхои маънавӣ ва моддии фарҳанги ватанию хориҷӣ баҳо дода метавонад.

Аз автореферат бармеояд, ки дар таҳқиқот ҳадаф ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии он, инчунин дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои методӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, маълумотҳо оид ба тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои рисола ва интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ равшан ва бо мантиқи пайгирона муайян карда шудааст.

Бартарии бешубҳаи таҳқиқот, чунон ки аз автореферат дида мешавад, дар он аст, ки он дар заминаи коркарди равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар шароити муҳити этнофарҳангӣ таҳқиқ гардидааст ва татбиқи он ба ҷузъҳои технологӣ асос ёфта, шароити амалисозии модел, усулҳо ва марҳилаҳои корро дар бар мегирад. Натиҷаи истифодаи ин технологияи таълим як системаи интегралию функсионалии бо мақсади ташаккули салоҳиятмандии касбии омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ, робитаи байнифаннӣ ва нақши мувофиқи ҳар як фанни таълимӣ дар раванди тайёрии касбӣ мебошад.

Тавре ки унвонҷӯ иброз медорад, вазифаи муаллими ЗХ аз ташаккулдиҳии шахсияте, ки коммуникатсияи байнифарҳангиро гузаронда метавонад, иборат аст. Заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ аҳаммияти бузург дорад, чунки бидуни он ташаккул додани салоҳияти коммуникативӣ аз рӯи мавзӯъҳои дарсӣ мушкил мебошад. Яъне донишҷӯён бояд хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии кишвари омӯхташавандаро равшан тасаввур кардан тавонанд. Бо сабаби он, ки ҳангоми омӯзиши ЗХ методҳо ва технологияҳои мухталифи таълим вуҷуд доранд, дар асоси таҷрибаи педагогӣ ба назари мо чунин менамояд, ки дар ин масъала мақоми пешбаранда ба методҳо ва технологияҳое дода мешавад, ки онҳо ба муносибати шахсиятӣ-фаъолмандӣ асос ёфтаанд. Равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ асоси

технологияи таълими интерактивиест. Ғояи равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ аз он иборат аст, ки раванди таълим ба шахсияти донишҷӯ, ангезаҳо, мақсадҳо, талаботи ӯ нигаронида мешавад, вале барои амалан татбиқсозии шахсият муносибати фаъолмандона муҳим аст, ки зимни он таҷриба ва рушди шахсиятӣ ташаккул меёбад.

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат баъзе эродҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муаллиф метавонад онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад:

1. Робитаҳои байнифаннӣ мебоист возеҳтар матраҳ мегардиданд.
2. Дар автореферат ғалатҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Вале камбудиҳои нишондодашуда ҳеҷ гоҳ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст карда наметавонанд.

Рисолаи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи “Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ” кори илмӣ-тадқиқотӣ дар мавзӯи актуалӣ мебошад. Он дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, дар назария ва амалияи омӯзиш ва таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ саҳми арзанда мегузорад.

Диссертатсия мукаммал ва анҷомёфта буда, мазмуни рисола, хулосаҳои баёнгардида оид ба натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд хулоса намоем, ки мақсади гузошташудаи муаллиф амалӣ гашта, фарзия ҳалли мусбии худро ёфтааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мазмуни асосии кори диссертатсиониро пурра инъикос мекунанд.

Дар маҷмуъ, вобаста ба мубрамӣ, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии

донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Роҳбари иттиҳодияи методии
омӯзгорони забони англисии
Мактаби байналмилалии Президентӣ,
Номзади илмҳои педагогӣ — Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович

Имзои НИП Ш.С.Мирзоевро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ Муассисаи таълимии
давлатӣ Мактаби байналмилалии Президентӣ
дар шаҳри Душанбе. — Исоев Амир Амирхонович

18.01.2023 с.

Суроға: ш.Душанбе н.Сино, Карамов 101
Тел: (+992) 987505328
E-mail: rvmadad@mail.ru